

Шарифзода Л.Ш.
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
тел – 919-89-65-69

## Раванди ташаккулёбии интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Заминаҳои ташаккулёбии авввалин интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба солҳои соҳибистиқлолӣ рост омад, ки дар натиҷа вазъи сиёсии кишвар нооpом буд. Вобаста ба талаботи муайяншуда моҳи ноябри соли 1991-ум интихбот доир гардид. Ин аввалин маъракаи муҳими сиёсӣ дар Тоҷикистон буд, ки барои устувор гардидани вазъи сиёсӣ ва низоми сиёсии ҷомеа мусоидат кард.

Бояд қайд кард, ки ягона воситаи муҳиме, ки барои устувории вазъи сиёсии кишвар дар он солҳо мусоидат мекард, ин пеш аз ҳама гузаронидани интихоботи президентӣ буд. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ 9 сентябри 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди мустақилона дар роҳи сохтмони давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд шурӯъ кард, ки асоси ин масъалаи муҳимро дар шароити давлатдории муосир танҳо интихобот амали карда метавонад.

Баъди таҳаввули конститутсионӣ дар раванди давлатдории Тоҷикистон тағйиротҳои муҳими сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки заминаро барои

мустаҳкам кардани низоми сиёсии ҷомеа асос гузошт. Бояд ёдовар шуд, ки баъд, аз устувор гардидани сулҳу суббот, тратиботу низом заминаи асосиро баҳри доир гаштани инихоботи демократӣ ба миён овард. Дар натиҷаи ин дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ дар сиёсати дохолии кишвар як қатор тағйиротҳои муҳим ба миён омаданд, ки ба рушди парламентаризм, бисёрҳизбӣ, плюрализми сиёсӣ, ба таври алтернативӣ гузаштани интихобот заминаи воқеиро ба вуҷуд овард.

Баъди ба амал омадани дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди сиёсии ҷомеа заминаи муҳимро барои ташаккули низоми интихобот ба вуҷуд овард. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар ин раванд заминаро барои ташаккулёбии низоми интихобот ба миён овард, ин қабули аввалин санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ба ҳисоб мерафт, ки заминаи муҳимро ба ташаккулёбии ҳокимияти давлатӣ мусоидат кард. Ин пеш аз ҳама эътироф гаштани Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамроҳ шавии Тоҷикистон бо созмонҳои ҷаҳонӣ, қабул гардидани санадҳои меъёри ҳуқуқӣ байналмилалӣ, ки ба мавқеъ ва нуфӯзи сиёсии Тоҷикистон мусоидат кард.

Бояд зикр кард, ки интихобот ҳамчун институти муҳими сиёсӣ пас аз қабул гардидани аввалин санадҳои меъёри ҳуқуқӣ аз ҷумла Конститутсия, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи президентӣ», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба таври легитимӣ гузаронидани интихобот дар сатҳи конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ муайян гардид.

Пас агар раванди маъракаҳои интихоботи президентии солҳои 1991-1994-1999-2006-2013-ум таҳлил намоем, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

Дар натиҷаи ин таҳаввулотҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ 6 ноябри соли 1994 интихоботи президентӣ доир гардид, ки дар он намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ бо таври алтернативӣ иштирок намуданд. Бояд

хотирнишон сохт, ки дар раванди ин маъракаи муҳими сиёсӣ дар давлатдории муосири Тоҷикистон бисёр тағйиротҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба амал омаданд, ки дар таҳкими равандҳои демократикунонии ҷомеа нақши муҳим гузошт, аз ҷумла:

- аввалин интихоботе, ки баъди соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид, ки дар он тамоми субъектҳои интихобот иштирок намуданд, ки мақсади онҳо пеш аз ҳама мустаҳкам кардани мавқеъ ва нуфӯзи худ дар раванди ҷомеа, ба даст овардани шумораи зиёди овози интихобкунандагон ва амали кардани нуқтаҳои муҳими барномаҳои худ иборат буд;

- дар натиҷаи ин дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ имконият ба миён омад, ки интихобот дар шароити демократӣ, алтернативӣ, барпо шавад. Дар ин замина низоми интихобот хусусияти демократӣ гирифта, раванди иштироки ҳизбҳои сиёсиро ба интихобот васеъ намуд;

- зикр намудан зарур аст, ки ҳар интихобот хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошанд. Дар интихоботи президентии 6 ноябри соли 1994-ум доир гардид, ин интихоботе буд, ки дар он иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва субъектҳои интихобот ба таври алтернативӣ буд. Нисбат ба интихоботи соли 1991-ум чанд хусусиятҳоро дар бар мегирад:

- дар ин раванд аввалин маротиба бо тариқи райъпурсӣ 6 ноябри соли 1994 аввалин ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, яъне Конститусия қабул гардид. Тибқи ин конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун мақсади ҷомеа муйян кард;

- конститутсия истиқлолияти давлатиро ба расмият даровarda, роҳи минбаъдаи инкишофи ҷомеаи навини Тоҷикистонро муайян кард;

- конститутсияи Тоҷикистон аввалин маротиба дар таърихи давлатдориамон дар баробари такмил додани сохти идоракунии давлатӣ ва масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон кард, ки он яке аз бузургтарин дастовардҳои давлатдории тоҷикон

мебошад. Меъёрҳои конститутсионӣ имрӯз воқеан ҳам инъикоскунандаи нақш ва мавқеи инсон дар ҷомеа мебошад;

- сатҳи дониши сиёсӣ ва ҳуқуқии электорат дар ин раванд, дар сатҳи конститусия ва қонунгузорӣ ташаккул ва рушд ёфт;

- ҳизбҳои сиёсӣ имконияти ба амал баровардани нуфузӯ эътибор ва мавқеи худро дар раванди сиёсии ҷомеа устувор намуданд;

- марҳилаи нави рушди низоми интихобот, дар асоси қонунҳои конститутсионӣ, бисёрҳзбӣ ва гуногунандешии сиёсӣ ташаккул ёфт;

- қабули аввалин санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, ки муайянкунандаи тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар мегирифт қабул шуданд;

- дар доираи конститутсия, дар раванди сиёсии ҷомеа дигаргуниҳое ба амал омаданд, ки боиси қабули санадҳои меъёри ҳуқуқӣ гардиданд, ки раванди муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҷомеа ба тназим даровroutанд;

- қабули қонунҳо, аз ҷумла, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интиоботи Президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқие, ки раванди интихоботро ба танзим медароваранд, қабул гардиданд;

- дар раванди сиёсии ҷомеа шаҳрвандон дар асоси ҳуқуқҳои конститутсионии худ, ҳуқуқи интихоботӣ пайдо намуда номзадҳои худро интихоб намуданд, ки ин яке аз нишонаҳои муҳими рушди парламентаризм, плюрализми сиёсӣ, бисёрҳизбӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, мебошад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳими таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар шароити имрӯзаи давлатдории Тоҷикистон ин аз рушди низоми интихобот ва суъектҳои интихобот вобастагӣ дорад. Яъне, тарафдори эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ будан мебоист дар асоси принсипҳои ҷомеаи демократӣ, аз ҷумла, ба халқ таалуқ доштан ва тавассути он амалӣ

шудани ҳокимияти давлатӣ, гуногунандешии сиёсӣ заминаи муҳими воқеъиро ба миён овард.

Бояд қайд кард, ки интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун институти муҳими демократӣ дар ташаккули низоми сиёсии ҷомеа мақоми махсус дорад. Дар ин раванд аҳамият ва нақши интихоботи президентӣ аз он муҳим аст, ки дар раванди ин маъракаи муҳими сиёсӣ субъектҳои махсусгардонидашудаи интихобот, дар асоси талаботҳои муайяншудаи низоми қонунгузорӣ иштирок мекунанд.

Қобили зикр аст, ки интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи муҳимро фароҳам сохт, ки иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар субъектҳои интихобот дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ ба таври демократӣ иштирок намуда, дар асоси барномаи таҳия кардаи худ, дигаргуниҳои муҳимро дар бахшҳоии муҳимтарини ҷомеа, роҳандозӣ намуда, дар мустаҳкам намудани низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳимро гузорад.

Интихобот дар раванди давлату давлатдории Тоҷикистон яке аз василаҳои муҳими иштироки субъектҳои интихобот дар раванди ин маъракаи муҳими сиёсӣ ба ҳисоб рафта, боиси иштироки баробари шаҳрвандон дар ин маърака мегардад. Дар баробари ин асоси устувории низоми сиёсии ҷомеаро интихобот ташкил намуда, воситаи муҳими ташаккулёбии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Марҳилаи минбаъдае, ки барои рушди низоми интихобот ва гузаронидани ин маъракаи муҳими сиёсӣ заминаро фароҳам сохт, ин интхоботи президентии соли 1999-ум, ба ҳисоб меравад, ки дар он намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ иштирок намуданд. Аз ҷумла ҲХДТ, Э. Раҳмонов, ҲДТ С. Қувватов, собиқ **ҲНИТ Д. Усмон** иштирок намуданд, ки яке аз нишонаҳои муҳими ҷомеаи демократии Тоҷикистон эътироф гардид.

Ин интихоботе буд, ки пеш аз ҳама дар асоси алтернативӣ сурат гирифт, дар раванди он иштироки интихобкунандагон, фаъолияти институтҳои демократии ҷомеа ташаккул ёфт. Хусусияти аз ҳама муҳими

ин интихобот дар он буд, ки дар сиёсати дохили ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд. Аз ҷумла:

- баъди ба даст овардани ваҳдати миллӣ низоми сиёсӣ ва раванди давлатдорӣ боз ҳам мустаҳкам гардид. Аз ҷумла, тибқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба Конститутсия соли 1999 тағйироти бисёр муҳим ворид карда шуданд, ки барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди минбаъдаи сиёсию иқтисодии кишвар мусоидат намуданд;

- дар шароити кунунӣ ҷомеаи демократиро бе Конститутсия тасаввур кардан ғайри имкон аст. Зеро дар он арзишҳои муҳим ва мақсаду мароми ҷомеа, ташкилу фаъолияти давлат, ҳуқуқу озодиҳои инсон муқаррар карда мешавад, ки ин нишондиҳандаи муҳими ҷомеаи муосири демократӣ мебошад;

- тибқи ин Конститутсия, ки тахкурсии қонунгузории мавҷуда аст, мо роҳи дурусти рушди кишвар, барпо кардани ҷомеаи озоди демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро интихоб кардем. Дар асоси он қонунгузории давлат таҳия ва қабул мегардад, ки дар маҷмӯъ, ба пешрафти ҷомеа, сулҳу суббот, тартиботу низом мусоидат мекунад;

- низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки заминаи мукаммали қонунгузории он соли 1999 –ум таҳким ёфта буд, низоми омехтаи мажоритарию мутаносибро қабул намуд, дар тӯли фаъолияти парлумони касбии доимамалкунанда, ба баланд бардоштани мақоми ҳизбҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар мусоидат кард, имконияти устувории фаъолияти ҳизбҳои парлумониро бо таъсиси фраксия ва гурӯҳҳои вакилӣ ба миён овард ва ба раванди гуногунандешии сиёсии ҷомеа такони хеле ҷиддӣ дод;

- институти парламентаризм дар асоси низоми бисёрҳизбӣ ташаккул ёфт, мақом ва нуфӯзи ҳизбҳо дар парлумон васеъ гардида, дар раванди муҳокимаи қонунҳо ва раванди қабули санадҳои меъёри ҳуқуқӣ иштирокашон фаъол гардид;

- худи ҳамин вазъ талаб мекард, ки ислоҳоти пурраву комили ҳуқуқӣ татбиқ шуда, тамоми ҷанбаҳои қонунгузории кишвар аз нигоҳи талаботи замони муосир мавриди таҷдиди назар қарор гиранд;

- ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти фаъоли раванди интихобот фаъолияташонро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ба танзим даровარданд;

- ин аввалин санади муҳиме гардид, ки тартиби иштироки ҳизбҳои сиёсиро дар раванди маъракаҳои интихоботӣ ва фаъолияташонро дар раванди сиёсии ҷомеа мушаххас гардонд;

- мустаҳкам гардидани институти таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ки ҳар кадомшон дар асоси конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ салоҳиятҳои конститутсиониашон муайян ва мушаххас гардиданд;

- устувор гардидани робитаи ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ки дар навбати худ вобаста ба салоҳиятҳояшон вазифаҳои муҳимтарини раванди ҷомеаро иҷро менамоянд. Дар натиҷа аз фаъолияти пурмаҳсули ин институтҳои муҳими сиёсии ҷомеа раванди демократикунонии ҷомеа рушду нумӯъ ёфт;

- ин тағйиротҳои муҳими ба амал омада, заминаи муҳимро дар таҳкими низоми сиёсии ҷомеа ва равандҳои демократикунонии ҷомеаи муосири Тоҷикистон устувор намуд. Пеш аз ҳама устувор гардидани рушди парламентаризм, имконияти зиёдеро фароҳам сохт, ки асосҳои сохтори конститутсионии ҷомеа боз ҳам устувор гардида, заминаи муҳимро баҳри бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мустаҳкам гардонад;

- бояд қайд намуд, ки дар шароити давлату давлатдории Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқи интихобот дар сатҳи конститутсия ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ташаккул ёфт, ки воситаи муҳими иштироки шаҳрвандонро дар маъракаҳои сиёсӣ муайян кард, ки заминаи муҳимро дар тшаккули низоми интихобот устувор сохт;

дар ин раванд гуногунандешии сиёсӣ дар ҷомеа имкониятро муҳаё сохт, ки субъектҳои интихобот дар раванди маъракаҳои муҳими сиёсӣ иштироки фаъол дошта бошанд. Дар натиҷа дар асоси санадҳои меъёри ҳуқуқии амалкунанда, низоми интихобот ташаккул ёфт, ки заминаи муҳимро дар таҳкими низоми сиёсии ҷомеа мустаҳкамтар намуд.

Бояд эътироф кард, ки барои устувории низоми сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода шудаанд. Дар ин замина, аввалин маротиба ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон дар Қонуни асосии мамлакат расман эътироф карда шуд, ки моҳияти асосии он ташаккулёбии низоми бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст асосҳои ҳуқуқии таъсис, фаъолият, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо, тартиби барҳамдиҳии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ, алалхусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (23 майи соли 1998 қабул гардидааст) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (13 ноябри 1998 қабул гардидааст) ва ғайра мебошанд, муқаррар карда шуданд. Маҳз бо қабули чунин санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ асосҳои конститутсионӣ ва ё қонунии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба таври расмӣ эътироф карда шудаанд.

Тадриҷан дар ин давра ҳизбҳои сиёсӣ ташаккул ва инкишоф ёфтанд, мақсадҳои сиёсии худро дар барномаҳо ва Оиномаҳояшон мустаҳкам намуданд. Дар замоне ҳизбҳои сиёсӣ Тоҷикистон ба фаъолияти оғоз намуданд, ки зарурати демократикунонии ҳаёти ҷомеа ва вусъат бахшидан ба тағйироти куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат ба вуқӯъ пайвастанд ва заминаҳои давлатдории навини Тоҷикистон барпо карда шуда, ба ин васила барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ асоси боэътимод гузоштанд.

Бояд қайд кард, ки дар солҳои соҳибихтиёрии Тоҷикистон дар радифи Конститутсия боз қонунҳои вобаста ба низоми интихобот қабул гардиданд, аз ҷумла Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» қабул гардиданд, ки заминаи муҳимро дар таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, асоси воқеӣ гузошт.

Давраи дигаре, ки дар асоси санадҳои меъёри ҳуқуқӣ интихобот президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ин 6 ноябри соли 2006-ум ба ҳисоб меравад. Дар он намояндагони 4 ҳизби сиёсӣ иштирок намуданд. Хусусияти ин маъракаи муҳими сиёсӣ дар он буд, ки дар раванди он низоми бисёрҳизбӣ ташаккул ёфт ва имконияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ васеъ гардид. Раванди ин маъраки муҳими сиёсиро  метавон чунин натиҷагирӣ кард:

- интихоботи президентии 6 ноябри соли 2006-ум интихоботе буд, ки дар низоми сиёсии ҷомеа, унсурҳои асосии таҳкимдиҳандаи ҷомеаи демократӣ ташаккул ёфтанд. Дар ин замина низоми интихобот дар асоси низоми интихоботии мажоритарӣ ва пропорсионалӣ пурра ташаккул ёфт. Дар он иштироки васеъи субъектҳои интихобот васеъ гардида, ҳар яке дар асоси низомномаи худ, ҳамчун субъектҳои фаъоли интихобот, фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба роҳ монданд;

- дар ин маъракаи муҳуми сиёсӣ сатҳи маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии интихобкунандагон, донишу таҷрибаашон рушд намуд. Дар баробари ин дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар дигаргуниҳои муҳим ба вуҷуд омаданд, ки заминаи муҳимро дар таҳкими давалати демократӣ асос гузошт;

- дар ин замина аз тарафи парлумони кишвар қабул гардидани шумораи зиёди санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, ба монандӣ созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, конвенсияҳо ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқие қабул

гардиданд, ки дар таҳкими раванди демократикунонии ҷомеаи муосири Тоҷикистон нақши муҳим гузошт;

- дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ пас аз тағйироту иловаҳо ба конститутсияи кишвар марҳилаи муҳими рушди модернизатсияи сиёсӣ дар раванди сиёсии ҷомеа оғоз гардид;

- дар натиҷаи ин дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ, сатҳи фарҳанги сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ интихоботии интихобкунандагон дар асоси принсипҳои ҷомеаи демократӣ ташаккул ёфт;

- дар ин замина аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, вобаста ба такмили Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интиоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интиоботи Президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи парлумони кишвар тағйиру иловаҳо ворид гардиданд, ки дар таҳкими рушди низоми сиёсии ҷомеа ва раванди рушди бисёрҳизбӣ мусоидат кард;

- баъди ин тағйиротҳои муҳими ба амал омада, имконияти субъектҳои интихобот дар раванди маъракаҳои сиёсӣ фаъол гардида, ҳамчун масъули интихобот фаъолияташон густариш ёфт;

- ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти фаъоли интихобот, дар раванди пешбари номзадҳо, муаррифии худ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ имконияташон васеъ гардид;

- парламентаризм рушду нумӯъ ёфт, дар натиҷа санадҳои меъёри ҳуқуқие қабул нардиданд, ки самтҳои муҳимтарини ҷомеаро фаро гирифта, дар натиҷа ба рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрванд, мусоидат кард;

- бояд эътироф кард, ки интихобот ҳамчун омили муҳими рушди демократия ва низоми сиёсии ҷомеа, нақши муҳимро дар таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона нақши муҳим гузошт.

Ҳамаи ин дигаргуниҳо куллӣ дар ҳаёти ҷомеаи мо худ нишондиҳандаи марҳилаи нави рушди давлатдории ҳуқуқбунёду

демократӣ ва дунявӣ, эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ ниҳоят ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва таҳкими рӯзафзуни пояҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Бояд қайд намуд, ки ҳар як раванди интихобот хусусиятҳои ба худ хос дорад, аз ҷумла интихоботи президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 2013-ум ро таҳлил намоем, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

- дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ иштироки субъектҳои интихобот нисбат ба дигар маъракаҳои интихоботӣ дар сатҳи баланд арзёбӣ намудан қобили қабул аст, чунки дар раванди пешбари кардани номзадҳо имконияти хуби муаррифии худро ба даст оварда буданд;

- дар раванди интихобот фаъолияти ВАО давлатӣ ва ғайри давлатӣ, дар инъикоси ҷараёни интихобот фаъол буд;

- дар саҳифаҳои матбуоти чопиву электронӣ вобаста ба аҳамият ва нақши интихобот дар ташаккули ҷомеа демократӣ, дебатҳои махсус ба миён омаданд;

- хусусан дар матбуот, вобаста ба мавзӯи интихобот муаррифии номзадҳо саҳифаҳои махсус ҷудо гардида буд, ки ин амал дар мустаҳкам намудани фарҳанги демократии интихобкунандагон нақши муҳим гузошт;

- номзадҳо имконияти хуби муаррифии худро дар ВАО пайдо намуданд, ки ин пеш аз ҳама барои муаррифии номзадҳо миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ, нақши муҳим гузошт;

- дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ имконияти хуби муаррифии барномаи номзадҳо, миёни интихобкунандагон расонида шуд, ки ин барои мусоидат кардани мардум ҷиҳати фаъол иштирок кардан, дар интихобот нақши муҳим гузашт;

- дар ин раванд дигаргуниҳои муҳим ба амал омаданд, ки боиси мустаҳкам гардидани муносибатҳои демократӣ дар раванди интихобот гардид, хусусан тағйиру иловаҳо ба қонуни конститутсионии Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ворид гардиданд, ки дар мустаҳкам намудани низоми сиёсии ҷомеа ва низоми интихобот нақши муҳим гузоштанд;

Интихобот президентӣ дар шароити имрӯзаи кишвар омиле мебошад, ки дар раванди он фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ назаррас мебошад. Ҳар як раванди маъракаи интихобот нуфӯз ва нақши ҳизбҳои сиёсиро муайян мекунад.

Бояд ёдовар шуд, ки  дар шароити имрӯзаи давлатдории Тоҷикистон, ки дар сатҳи конститутсия ва дигар қонунҳои соҳавӣ бунёди давлатӣ демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро мақсади асоси қарор додааст, асоси ин масъалаҳои номбаргардидаро бе рушди низоми интихобот ва фаълияти сиёсии ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тасаввур кардан мушкил аст.

Интихоботи президентие, ки дар Тоҷикистон баргузор шуд, ин қадами муҳимест дар роҳи минбаъдаи тараққиёти демократии кишвар, таҳаввулоти муҳимро ба миён овард. Бояд қайд намуд, ки интхоботи президентӣ дар раванди давлату давлатдории Тоҷикистон воситаи муҳими иштироки субъектҳои интихобот, муаррифии имконияту нуфузӯ эътибори номзадҳо дар равани ҷомеа мебошад.

Ҳар як маъракаи интихоботи хусусияти хоси худро дорад. Таҳаввулоти сиёсие, ки дар ин солҳо дар раванди сиёсии ҷомеа ба амал омадаанд, пеш аз ҳама ба раванди рушди низоми интихобот, ҷомеаи шаҳрвандӣ, гуногунандешии сиёсӣ, парламентаризм, бисёрҳизбӣ заминаи муҳимро фароҳам сохт. Дар натиҷа боиси мустаҳкам гаштани сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ гардида, пешравиҳо назаррас дар раванди сиёсии ҷомеа ба миён омад. Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳими инитихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он мебошад, ки номзаде, ки ғолибияти комилро тибқи талаботи муайяншудаи қонунгузории кишвар дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ ба даст меорад, чунин масъалаҳои муҳимро роҳандозӣ намояд:

- амали кардани нуқтаҳои муҳими барномаи худ, дар бахшҳои муҳимтарни ҷомеа, аз ҷумла масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ;

- мустаҳкам намудани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар асоси принсипҳои демократӣ;

- таҳкими рушди раванди демократикунонии ҷомеаи муосири Тоҷикистон;

- рушди гуногунандешии сиёсӣ, омили муҳимӣ рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва низоми интихобот;